«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор
Назарзода Х.Х.
________________
«_02_» _майи_ 2023 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Дар фазои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши қонунгузории молиявӣ дар давраҳои гуногуни давлатдорӣ мақоми махсусро касб мекард. Дар сарзамини Тоҷикистон низ дар умқи таърих сарчашмаҳои зиёди таърихие мавҷуд мебошанд, ки оид ба ҳолати мавҷуда ва раванди

ташаккули танзими муносибатҳои молиявиро баррасӣ кардаанд. Дар қатори ин метавон давраи Зардуштӣ, давлатдории Сомониён ва марҳилаи давлатдории ИҶШС-ро ба сифати марҳилаҳои калидии заминагузорӣ ва марҳилахои аввалаи шаклгирии танзими меъёрии муносибатҳои молиявии давлатӣ номбар кард.

Аз ин хотир мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор додани ташаккул ва рушди қонунгузории молиявӣ барои кишвари мо метавонад яке аз заминаҳои боэътимоди илмӣ ва амалии қадамҳои устувори муайян намудани ҳолати воқеӣ, мушкилӣ ва стратегияи минбаъдаи қонунгузории амалкунанда бо данзардошти таҷрибаи қаблии мавҷуда гардида бошад.

Бояд зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодӣ амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Низоми молиявии давлат яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме мебошад, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд.

Даврони соҳибистиқлолӣ марҳилаи фаъоли рушди қонунгузории молияи Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ мусоидат намуда истодааст. Ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ ва ба вуҷуд омадани соҳаҳои нави рушди иқтисодӣ, пайдоиши самтҳои нави рушди стратегии кишвар (масалан, саноатикунонии босуръати кишвар) такмили пайвастаи қонунгузории молиявиро талаб менамояд.

Такмили қонунгузории молиявӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла, дигаргуниҳои фаъолияти молиявии давлат (хусусигардонӣ, дастгирии соҳибкорӣ, муқарраркунии рақами мушаххаси андозсупорӣ, ба вуҷуд омадани низоми устувори идоракунии молиявӣ ва ғ.) асос меёбад ва қабули қонунҳои нав ва умуман низоми қонунгузории молиявии ба талаботи объективии ҷамъият мутобиқро тақозо менамояд.

Дар фазои илмии хориҷӣ масъалаҳои умумии қонунгузории молиявӣ аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқ шудааст. Аммо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт ҷой надорад. Аксарияти паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ташаккул ва инкишофи қонунгузории молиявии Тоҷикистон коркард нашудаанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузошташударо оид ба вазифаҳои таҳқиқот баррасӣ намуда, нуктаҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин аз ҷониби диссертант якчанд нуктаҳои илмии ҷолиб пешниҳод гардидааст, ки метавонад дар тавлиди ғояҳои муосири илмӣ вобаста ба ташаккули қонунгузории молиявӣ мусоидати бевосита намоянд. Аз ҷумла:

1. Дар таърихи давлатдории тоҷикон то пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шӯравӣ танзими муносибатҳои молиявӣ асосан дар се самти зерин ҷой дошт: - танзими муносибатҳои молиявӣ дар самти андоз; - танзими муносибатҳои молиявӣ дар самти пул ва муносибатҳои пулӣ; - танзими муносибатҳои молиявӣ дар бахши суғурта. (саҳ. 25).

2. Ташаккули қонунгузории молиявиии ҶТ-ро дар замони Шӯравӣ дар се қисмати асосӣ андоз, гумрук ва суғурта таҳқиқ намуда, раванди бавуҷудоӣ ва ташаккули онро ба чор давра ҷудо намудан мумкин аст: давраи якум ҶМШС Туркистон (қисматҳои шимолии имрӯзаи Тоҷикистон); давраи дуюм ҶХШБ (қисматҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон); давраи сеюм аз соли 1924-1929, яъне даврае, ки Тоҷикистон ҳамчун ҶМШС дар ҳайати Ӯзбекистон қарор дошт; давраи чорум аз соли 1929 то соли 1991, яъне даврае, ки Тоҷикистон ҳамчун ҶШС дар ҳайати ИҶШС баромад менамуд. (саҳ. 81).

3. Диссертант бо мақсади такмили қонунгузорӣ таъкид менамояд, ки Ҳамзамон, бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва карзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад»

ба Конститутсияи ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки аз қ. 3, м. 5 Қонуни мазкур калимаҳои «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ҳукуматҳо) дар маҳалҳо» мувофиқан ба калимаҳои «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шавад ва мазмуни матни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надорад қарзгирии давлатиро дар чӣ шакле набошад, амалӣ намоянд». (саҳ. 110).

4. Ҳамзамон диссертант зикр менамоянд, ки хусусияти хоси инкишофи қонунгузории молия дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар он ифода мегардад, ки дар ин давра ҷиҳати рушди муносибатҳои молиявӣ, такмили ин низом, ислоҳоти идоракунии давлатии молияи давлатӣ дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин як қатор стратегияву ҳуҷҷатҳои давлатӣ қабул гардид. Вобаста ба муносибатҳои молиявӣ аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ стратегияҳои давлатӣ қабул гардид ва соҳаи молияи кишвар дар партави онҳо рушд намуда истодааст.

Ҳамин тавр, қонунгузории молия ин маҷмӯи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонуние мебошад, ки муносибатҳои вобаста ба ташкил, тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлатро ба танзим медарорад. Таҳлили рушди қонунгузорӣ оид ба молия аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи истиқлолият қонунгузории молиявӣ дар сатҳи фаъоли рушди худ қарор дошта, барои зиёдшавии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дар ин замина, таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар заминаи устувор гузошта истодааст. (саҳ. 120).

5. Таҳқиқбарнадаи рисолаи мазкур иброз менамояд, ки хусусиятҳои хоси инкишофи қонунгузории молия дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки ислоҳоти молияи давлатӣ дар асоси стратегияҳову барномаҳои давлатӣ сурат гирифта истодааст, ки ба рушди босуботи қонунгзории соҳа мусоидат менамоянд. Дар ин замина,

зарур аст, ки қонунгузории молия пайваста бо дарназардошти самтҳо ва вазифаҳои дар ин ҳуҷҷатҳои давлатӣ пешбинишуда такмил дода шуда, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои дар онҳо дарҷшуда имконият фароҳам оварда шавад. (саҳ. 142-143).

6. Бо мақсади такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» таклифҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

– муқаддимаи Қонун ба талаботи қисми дуюми м. 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 мутобиқ карда шавад. Зеро, дар он мақсад ва вазифаи Қонун инъикос карда нашудааст;

– дар м. 1 Қонуни мазкур мафҳуми «бахши давлатӣ» пешбинӣ карда шавад. Зеро, он яке аз мафҳумҳои асосиии Қонуни мазкур ба ҳисоб меравад;

– аз м. 2 Қонуни мазкур калимаи дар қавсайн «(Сарқонун)» хориҷ карда шавад. Зеро, бо даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ аз 22 майи соли 2016 калимаи мазкур хориҷ карда шудааст;

– дар сархати сеюми қ. 2, м. 4 калимаи «фармонҳо» ба калимаи «фармоишҳо» иваз карда шавад. Зеро, мутобиқи қисми дуюми м. 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» вазоратхо, мақомоти назди Президенти ҶТ, мақомоти назди Ҳукумати ҶТ санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли «фармоиш» қабул мекунанд;

– мафҳумҳои «ҳисоботи идоракунӣ», ки дар қ. 1, м. 5 ва «муҳити назоратӣ», ки дар к. 1, м. 9 пешбинӣ шудаанд, дар м. 1 Қонуни мазкур, ки мафҳумҳои асосӣ ном дорад, пешбинӣ карда шаванд. Зеро мутобиқи м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз корҳои илмии мукаммали анҷомёфтаи фазои назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи илми ҳуқуқи молиявӣ ба шумор рафта масоили муҳимми рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода И.И. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар ҷодаи дар амал татбиқсозии муқарраротҳои қонунгузории молиявӣ ва ташаккул додани низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи молияи давлатӣ мавриди истифода дода мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба масоили рушди қонунгузории молиявӣ таълуқманданд, мусоидат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода И.И. манзургардида оид ба ташаккули қонунгузории молиявии Тоҷикистон метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи андоз ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравàнд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбии болозикр, инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Навгониҳои рисола ба гуруҳҳо ҷудо карда нашудаанд, яъне маълум нест, ки кадом навгонӣ хусусияти амалӣ дорад ва кадом навгонӣ хусусияти назариявӣ дорад. Шарҳи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Пешниҳоди №3, ки ҳамчун навгонӣ ба ҳимоя пешкаш шудааст чандон асоснок карда нашудааст. Пешниҳоди мазкур чунин мушкилиҳоро пайдо мекунад: 1) агар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 150 000 соҳибкорзан бошад, пас ҳар моҳ ин миқдор занонро кӣ муоина мекунад, ки онҳо оё ба бемории одатӣ гирифтор шудаанд ё не?; 2) Аз нуктаи назари тиб на ҳамаи занон ба бемории одатӣ гирифтор мешаванд, пас ин пешниҳоди шумо бар зидди принсипи баробарии ҳама дар назди қонун нест?; 3) пешниҳоди мазкур метавонад ба табъизи занон оварда расонад.

3. Дар матни рисола рушди қонунгузории “молия” ва дар баъзе маврид рушди қонунгузории “молиявӣ” навишта шудааст. Кадом аз ин истилоҳҳот дуруст мебошанд?

4. Дар рисолаи мазкур рушди қонунгузории молиявӣ дар давраҳои ҳукмронии муғулҳо (китоби Ёсуи Чингисхон ва темурнома) ва ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Русияи подшоҳӣ мавриди таҳлил қарор дода нашудааст. Аз муаллиф талаб карда мешавад ин ҳолатро шарҳ диҳад.

Бояд қайд намуд, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарачаи илмӣ.** Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим ба талабот оид ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дарачаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи пешбар дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 27 апрели соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Алиев Фаррух Шарифович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисоси 12.00.01), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода карда шуда, он дар ҷаласаи

кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №9 аз 30 апрели соли 2023. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №9 аз 30 аперли соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Гайратов Т.М.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
Ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ. Алиев Ф.Ш.

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон н.и.ҳ. Солиҳов М.А.

Имзои Алйев Ф.Ш., Гайратов Т.М.
ва Солиҳов М.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

30 апрели соли 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.